# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7-8, мод. 614; с. 2014, №11, мод. 669)**

(Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 № 1160, аз 18.07.2017 № 1449, аз 08.06.2022 № 1879, аз 08.06.2022 № 1880, аз 13.11.2024 № 2099)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолатҳои ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти солим ва мусоид, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиат ва таъмини амнияти экологӣ равона шудааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд:

- **муҳити зист** - муҳити зисти инсон, маҷмӯи ҷузъиёти муҳити табиӣ, объектҳои табиӣ ва табиии антропогенӣ, инчунин объектҳои антропогенӣ;
- **объекти антропогенӣ** - объекте, ки инсон барои таъмини эҳтиёҷоти иҷтимоии худ сохтааст ва он дорои хусусиятҳои объектҳои табиӣ намебошад;
- **гуногунии биологӣ** - шаклҳои гуногуни организмҳои зиндаи мансуб ба ҳама манбаъҳо, аз ҷумла экосистемаҳои заминӣ ва обӣ ва комплексҳои экологӣ, ки организмҳои зинда ҷузъи онҳо мебошанд; мафҳуми мазкур гуногуниро дар доираи намуд, байни намудҳо ва гуногунии экосистемаҳо дар бар мегирад;
- **муҳити зисти мусоид** - муҳити зисте, ки сифати он фаъолияти устувори системаҳои экологии табиӣ, объектҳои табиӣ ва табиии антропогениро таъмин менамояд;
- **зарар ба муҳити зист** - тағйирёбии номатлуби ҳолати муҳити зист дар натиҷаи ифлосшавии он, ки ба таназзули системаҳои экологӣ ва коҳишёбии захираҳои табиӣ сабаб мегардад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- **парки дендрологии давлатӣ** - гурӯҳи растаниҳое, ки арзиши илмӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ доранд, намудҳои табиии набототи боғу гулгаштҳо (паркҳо);
- **моддаи ифлоскунанда** - модда ё омехтаи моддаҳое, ки миқдор ва (ё) таркиби онҳо аз меъёри барои моддаҳои кимиёвӣ, аз ҷумла радиоактивӣ, дигар моддаҳо ва микроорганизмҳо муқарраргардида зиёд мебошад ва ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд;
- **ифлосшавии муҳити зист** - воридшавии моддаҳои эҳтимолан хатарноки кимиёвӣ ва биологӣ, моддаҳои радиоактивӣ, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ба муҳити зист, инчунин таъсири садо, ларзиш, майдонҳои магнитӣ ва дигар таъсири манфии физикӣ ба муҳити зист;
- **минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ)** - ҳудуди замин ва қисми фазо, ки бо мақсади кам кардани таъсири номатлуби беруна дар атрофи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ташкил карда мешавад;
- **минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ** - ҳудудҳои табиие, ки барои таъмини меъёрҳои гигиении зарурии ғилзати моддаҳои ифлоскунанда дар қабати рӯизаминии атмосфера, ҳифзи манбаъҳои об, кам кардани таъсири манфии хатҳои интиқоли барқ ба аҳолии маҳал таъин гардидаанд;
- **сифати муҳити зист** - ҳолати муҳити зист, ки бо нишондиҳандаҳои физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ, нишондиҳандаҳои дигар ва (ё) маҷмӯи онҳо ифода мегардад;
- **ҷузъҳои муҳити табиӣ** - замин, қаъри он, хок, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, ҳавои атмосфера, олами набототу ҳайвонот ва дигар организмҳо, инчунин қабати озони атмосфера ва фазои кайҳонии атрофи Замин, ки дар маҷмӯъ шароити мусоидро барои мавҷудияти ҳаёт дар рӯи Замин таъмин мекунанд;
- **назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (назорати экологӣ)** - маҷмӯи чорабиниҳое, ки ба пешгирӣ, ошкор ва рафъ кардани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини риояи талабот, аз ҷумла меъёрҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷониби субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва ғайра равона шудаанд;
- **Китоби Сурх** - маҷмӯи маълумотҳо оид ба намудҳои нодир, нобудшаванда ё таҳти таҳдиди нобудшавӣ қарордоштаи растаниҳо ва ҳайвонот, ки бо мақсади ҷорӣ намудани низоми ҳифозати махсус ва азнавбарқароркунии минбаъдаи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;
- **лимити истифодаи захираҳои табиӣ** - миқдори ниҳоии гирифтан ва истеъмол кардани захираҳои табиӣ, ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист, ки бо мақсади ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи онҳо, пешгирӣ ва рафъи таъсири номатлуби онҳо муқаррар карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;

- **меъёрҳои ихроҷи партови моддаҳо ва микроорганизмҳои ифлоскунанда** (минбаъд - **меъёрҳои ихроҷ ва партов**) - маҳдудияти ихроҷ ва партови моддаҳо ва микроорганизмҳои ифлоскунанда ба муҳити зист, ки барои давраи гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои беҳтарини мавҷуда, бо мақсади ноил гардидан ба меъёрҳои ҳифзи муҳити зист муқаррар карда мешаванд;
- **мониторинги муҳити зист** (**мониторинги экологӣ**) - системаи комплексии мушоҳида, арзёбӣ ва пешгӯии тағйироти ҳолати муҳити зист таҳти таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ;
- **меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист** (минбаъд - **меъёрҳои ҳифзи табиат**) - меъёрҳои муқарраргардидаи сифати муҳити зист ва меъёрҳои таъсири имконпазир ба он ки дар сурати риояи онҳо муҳити мусоиди зист барои ҳаёти инсон, фаъолияти устувори системаҳои табиии экологӣ таъмин гардида, гуногунии биологӣ ҳифз карда мешавад;
- **меъёрҳои имконпазири фишори антропогенӣ ба муҳити зист** - меъёрҳое, ки мутобиқи андозаи таъсири маҷмӯии имконпазири ҳама манбаъҳо ба муҳити зист ва (ё) ҷузъиёти алоҳидаи муҳити табиат дар доираи минтақаҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд ва дар сурати риояи онҳо фаъолияти устувори системаҳои экологии табиӣ таъмин ва гуногунии биологӣ ҳифз карда мешавад;
- **ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда** - қитъаҳои замин, об ва фазои он ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои аҳамияти махсуси ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, истироҳатӣ ва солимгардонӣ ҷойгиранд ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун пурра ва ё қисман аз истифодаи хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми ҳифозати махсус муайян гардидааст;
- **ҳифзи муҳити зист** - системаи чорабиниҳои давлатӣ ва ҷамъиятии дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, маърифатӣ ва байналмилалӣ, ки ба таъмини ҳамоҳангии муносибати мутақобилаи ҷамъият ва табиат дар асоси ҳифз ва барқарорсозии муҳити табиӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, беҳтар намудани сифати муҳити зисти инсон, пешгирӣ ва рафъи таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист ва бартараф намудани оқибатҳои он равона гардидаанд;
- **арзёбии таъсир ба муҳити зист** - намуди фаъолият оид ба ошкор намудан, таҳлил кардан ва ба ҳисоб гирифтани оқибатҳои таъсири мустақим ва ғайримустақими фаъолияти ба нақша гирифташудаи хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар ба муҳити зист бо мақсади қабули қарорҳо оид ба имконпазир ё имконнопазир будани анҷомдиҳии он;
- **объекти табиии антропогенӣ** - объекти табиӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият тағйир ёфтааст ва (ё) объекте, ки аз тарафи инсон сохта шуда, дорои хусусияти объекти табиӣ мебошад ва аҳамияти рекреатсионӣ ва муҳофизатӣ дорад;
- **объекти табиӣ** - системаи экологии табиӣ, ландшафти табиӣ ва ҷузъҳои таркибии онҳо, ки хусусиятҳои табиии худро нигоҳ доштаанд;
- **комплекси табиӣ** - маҷмӯи объектҳои табиии аз ҷиҳати функсионалӣ ва табиӣ ба ҳам алоқаманде, ки бо нишонаҳои географӣ ва нишонаҳои дигари марбута муттаҳид мебошанд;
- **ландшафти табиӣ** - мавзее, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият тағйир наёфтааст ва ба навъҳои муайяни релефи маҳал, хок, растании дар шароити ягонаи иқлимӣ ташаккулёфта мувофиқ мебошад;
- **захираҳои табиӣ** - ҷузъиёти табиии муҳити зист, объектҳои табиӣ ва табиии антропогение, ки инсон истифода мебарад (энергияи офтоб, гармии дохилизаминӣ, ҳавои атмосфера, захираҳои замин, об, ҷангал ва маъдан, моводи радиоактивӣ, олами набототу ҳайвонот ва маҳсули онҳо, дигар неъматҳои табиӣ);
- **истифодаи захираҳои табиат** - фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият (аз ҷумла низомӣ) бо истифодаи намудҳои алоҳидаи захираҳои табиӣ, инчунин таъсири ин фаъолият ба муҳити зист;
- **истифодабарандаи табиат** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҳамчун ташаббускор ё фармоишгари фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият амал намуда, бо муҳити зист ва захираҳои табиӣ созгор аст;
- **системаи ҳифзи муҳити зист** - маҷмӯи барнома ва чорабиниҳои давлатӣ, регламентҳои техникӣ, мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, воҳидҳои зерсохтори он, шабакаҳои дар соҳаи муҳити зист, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият амалкунандаи муассисаю ташкилотҳо, ки ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳити зист нигаронида шуда, барои иҷрои мақсаду вазифаҳои ягона, афзун гардонидани саҳми ин соҳа дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, таъмини амнияти экологӣ ва муҳити зисти барои инсон мусоид муттаҳид карда шудаанд (*Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449*);

- **меъёри технологӣ** - меъёри имконпазири ихроҷ ва партови модда ва микроорганизмҳо, ки барои манбаъҳои статсионарӣ (доимӣ), сайёр ва дигар манбаъҳо, равандҳои технологӣ ва таҷҳизот муқаррар карда мешаванд ва андозаи имконпазири ҳаҷми ихроҷ ва партови моддаҳо ва микроорганизмҳоро ба муҳити зист ба ҳисоби воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда инъикос менамояд;
- **қабати озон** - қабати атмосферӣ дар сатҳи сайёра дар баландии 7-8 км дар қутбҳо ва 17-18 км дар экватор бо тамаркузи зиёди молекулаҳои озон, ки нурҳои ултрабунафши барои организмҳои зинда ҳалокатоварро аз кайҳон намегузаронад;
- **системаи экологӣ** - маҷмӯи ягона, устувор, мустақилона инкишофёбанда ва танзимшавандаи ҷузъиёти зинда ва ғайризиндаи муҳити зист дар ҳудуди қитъаи муайяни биосферӣ, ки тавассути мубодилаи моддаҳо, энергия ва иттилоот байни ҳам алоқаманд мебошанд;
- **иттилооти экологӣ** - ҳама гуна иттилоот дар шакли хаттӣ, визуалӣ, акустикӣ, электронӣ ё ҳама гуна шакли дигари моддӣ дар бораи ҳолати муҳити зист ва ҷузъиёти он, инчунин робитаи мутақобилаи байни ин ҷузъиёт, омилҳо, ба монанди моддаҳо, энергия, садо, радиатсия, амалҳо, аз ҷумла чорабиниҳои маъмурӣ, созишномаҳои экологӣ, қонунгузорӣ, нақшаҳо ва барномаҳои марбут ба муҳити зист, хароҷоту даромадҳо ва дигар тадқиқоти иқтисодӣ ва дурнамоҳое, ки дар қабули қарорҳо оид ба муҳити зист истифода мегарданд;
- **амнияти экологӣ** - ҳолати муҳофизавии манфиатҳои муҳими ҳаётии шахс, ҷомеа, муҳити зист аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсиррасонии антропогенӣ ва табиӣ ба муҳити зист, аз ҷумла ба офату фалокатҳои табиӣ алоқаманданд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- **хатари экологӣ** - эҳтимолияти фарорасии ҳолате, ки барои муҳити зист оқибати номусоид дошта, дар натиҷаи таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари манфӣ, ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ба вуҷуд меояд;
- **экспертизаи экологӣ** - муқаррар намудани мутобиқатӣ ё номутобиқатии ҳуҷҷати лоиҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии техникӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- **аудити экологӣ** - таҳлили мутобиқати фаъолият ва ҳисоботи субъекти хоҷагидорӣ ба қонунгузории амалкунанда, ҳуҷҷатҳои меъёрию методӣ, дастурӣ ва танзимкунандаи соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур муносибатҳои марбут ба алоқамандии мутақобилаи ҷамъият ва муҳити зистро дар раванди амалӣ сохтани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки ба муҳити зисти ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, танзим менамояд.

2. Масъалаҳои ҳифз ва истифодаи замин, қаъри замин, об, ҳавои атмосфера, олами набототу ҳайвонот, аз ҷумла гуногунии биологӣ, ҷангалҳо, инчунин объектҳои муҳити атрофи дорои арзиши махсуси экологӣ, илмӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро дар қисмате, ки дар Қонуни мазкур танзим намегарданд, қонунҳои дахлдор ва қонунҳои дигари дар асоси он амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449, аз 08.06.2022 № 1880)*.

3. Муносибатҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист дар қисмати барои таъмини бехатарии санитарӣ-эпидемиологии аҳолӣ зарурро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии санитарӣ- эпидемиологии аҳолӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, инчунин дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмини муҳити зисти барои инсон мусоид нигаронида шудаанд, ба танзим медароранд.

**Моддаи 4. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ, иҷтимоиву инфрасохторӣ ва дигар тадбирҳои таъсиррасонии давлатӣ мебошанд, ки ба таъмини ҳифз ва истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои об ва замин, сарватҳои зеризаминӣ, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар захираҳои табиӣ барои манфиати халқ равона карда шудаанд.

2. Барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист системаи ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ки он ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон барои муҳити зисти солим ва мусоид нигаронида шудааст.
3. Асоси ташкили сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла консепсия, барнома, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист иборат мебошанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 5. Принсипҳои асосии ҳифзи муҳити зист**

Фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба муҳити зист таъсир мерасонанд, дар асоси принсипҳои зерин анҷом дода мешавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*:
- таъмини волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- афзалияти ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, риояи ҳуқуқи он ба муҳити мусоиди зист;
- барқарор сохтан, нигоҳ доштан ва оқилона истифода бурдани муҳити зист бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, таъмини муҳити мусоиди зист барои кору истироҳати аҳолӣ;
- пайвасти илман асосноки манфиатҳои ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодию иҷтимоии инсон, ҷамъият ва давлат, андешидани чораҳои самаранок бо мақсади ноил шудан ба рушди устувор;
- музднок будани истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҷуброни зарари ба муҳити зист расонидашуда;
- мустақилияти назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- эҳтимолияти хатари экологии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти ба нақша гирифташаванда;
- арзёбии таъсир ба муҳити зист ҳангоми қабули қарорҳо оид ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият;
- афзалияти нигоҳдории системаҳои экологӣ, ландшафт ва комплексҳои табиӣ;
- имконпазирии таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити табиӣ, аз ҷумла гуногунии биологӣ, бо назардошти талабот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- ҳатмӣ будани иштироки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар муассисаҳои ғайритиҷоратӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зист;
- риояи ҳуқуқи ҳар як шахс барои дарёфти маълумоти дақиқ оид ба ҳолати муҳити зист, инчунин иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои марбут ба ҳуқуқи онҳо ба муҳити зисти мусоид тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳавасманд ва дастгирӣ кардани ҳамкории ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;
- ногузир будани ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- ташкил ва рушди системаи маърифати экологӣ, тарбия ва ташаккули фарҳанги экологӣ;
- ҳамкории байналмилалӣ.

**Моддаи 6. Объектҳои ҳифзи муҳити зист**

1. Аз ифлосшавӣ, вайроншавӣ, осеб дидан, камшавӣ, харобшавӣ ва дигар таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ объектҳои зерини муҳити зист ҳифз карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1880*):
- замин, қаъри он, хок;
- обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ;
- ҳавои атмосфера, қабати озонии Замин;
- олами набототу ҳайвонот, аз ҷумла гуногунии биологӣ, тамоми намудҳои ҷангал, инчунин фонди генетикии онҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Мамнӯъгоҳҳои табиии давлатӣ, аз ҷумла биосферӣ, минтақаҳои муҳофизатӣ (буферӣ), парваришгоҳҳои табиии давлатӣ, ёдгориҳои табиӣ, паркҳои табиӣ, миллӣ ва дендрологӣ, боғҳои ботаникӣ, дигар комплексҳо ва объектҳои табиӣ, ки моҳияти махсуси ҳифзи табиат, илмӣ, таърихию фарҳангӣ, эстетикӣ, истироҳатӣ ва тандурустӣ доранд, инчунин объектҳои олами набототу ҳайвоноти нодир ё зери хатари нобудшавӣ қарордошта, дигар организмҳо ва макони зисту сабзиши онҳо таҳти муҳофизати махсус қарор дода мешаванд.

3. Ба объектҳои муҳофизати махсус ҳамчунин минтақаҳои ташаккулёбии обҳои зеризаминӣ (водии дарёҳо, даҳанаи селроҳа, шелфи доманакӯҳҳо), бозёфтҳои нодири геологӣ ва ташкилаҳои минералогӣ, объектҳои палеонтологӣ ва дигар қитъаҳои қаъри замин, ки арзиши махсуси илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра доранд, замини назди соҳил ва минтақаҳои ҳифзи объектҳои об, ҳавзҳои хоҷагиҳои моҳипарварӣ, қитъаҳои муҳофизатии ҷангалҳо ва дигар минтақаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, мансубанд.

**Моддаи 7. Барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амал дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Барои ташкили фаъолияти мақсаднок ва пурсамар ҷиҳати таъмини сифати мусоиди муҳити зист, идоракунии устувор, таъмини амнияти экологӣ, татбиқи муқаррароти конвенсия ва созишномаҳои байналмилалии экологӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, барнома, консепсия, стратегия, дурнамо инчунин дар асоси онҳо нақшаҳои амал, ки тадбирҳои ҳифзи муҳити зист, истифодаи устувору оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, солимгардонии муҳити зистро бароиояндаи дарозмӯҳлат пешбинӣ менамоянд, таҳия карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

Бо мақсади аз байн бурдани такрори айнан як фаъолият ва беҳтар истифода бурдани имкониятҳо нисбати ду ва зиёда конвенсия ва созишномаҳои байналмилалии экологӣ, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амали ягона таҳия карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

2. Барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амали давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо иштироки вазорату идораҳои манфиатдор, инчунин аҳди ҷомеа таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

3. Нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист бо назардошти дурнамоҳои давлатии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва дар асоси тадқиқотҳои илмие, ки ба ҳалли масъалаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист равона гардидаанд, таҳия карда мешаванд.

4. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти ба муҳити зист таъсири манфӣ расонандаро анҷом медиҳанд, вазифадоранд чорабиниҳои ҳифзи муҳити зистро бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гиранд ва амалӣ гардонанд.

## БОБИ 2. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист инҳоянд:

- пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449);*
- муқаррар намудани тартиби таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва талабот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист нисбати фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият;
- ҳавасмандгардонии кашфиёт ва тадқиқоти илмӣ, илмии техникӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини бехатарии экологӣ ва идоракунии устувори истифодаи табиат, аз байн бурдан ва пешгирӣ кардани коҳиши муҳити зист;
- муқаррар намудани андоза ва тартиби ситонидани пардохти маблағҳо барои истифодабарии захираҳои табиӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;

хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;

- муайян намудани тартиб ва шартҳои суғуртаи ҳатмии экологии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- муайян намудани тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии экологӣ ва расмиёти арзёбии таъсири фаъолияти ба нақша гирифташаванда ба муҳити зист;
- қабули қарорҳо дар хусуси истифодаи захираҳои табиӣ, бастани шартномаҳо ва қарордодҳо, аз ҷумла консессияҳо;
- тасдиқи барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист, ҳисобот ва гузоришҳои миллӣ оид ба ҳолати муҳити зист, инчунин нақшаҳои комплексии истифода, барқарорсозӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ, тартиби пешбурди кадастрҳои давлатии захираҳои табиӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист дар доира ва ҳаҷми муқаррарнамудаи буҷети давлатӣ;
- муқаррар намудани сохтор, мӯҳтаво ва тартиби мониторинги давлатии муҳити зист ва захираҳои табиӣ, ташаккули системаи давлатии мушоҳидаи вазъи муҳити зист ва таъмини фаъолияти ин система;

- тасдиқи номгӯи гурӯҳҳои маҳсулот, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки бояд ҳатман стандартизатсия ва сертификатсия шаванд;
- тасдиқи номгӯи объектҳои муҳити зисти дорои аҳамияти махсуси экологӣ, илмӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, ташкили мамнӯъгоҳҳои давлатӣ, паркҳои миллӣ, дендрологӣ ва табиии давлатӣ, инчунин дигар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449, аз 08.06.2022 № 1880)*;
- муайян намудани тартиб ва шартҳои ҷамъоварӣ, таҳлил, ҷамъбаст, пешниҳоди иттилоот ва пешбурди омори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- муқаррар намудани тартиби назорати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва тасдиқи низомномаи он *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- анҷом додани дигар салоҳиятҳо мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 9. Ваколати мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Ба ваколати мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мансубанд:
- татбиқи сиёсати давлатии экологӣ ва идоракунии комплексӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- амалӣ сохтани назорати давлатии фаъолияти объектҳои хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият, новобаста ба шаклҳои моликият ва мансубияти идоравӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;
- таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, инчунин назорати иҷрои онҳо;
- таҳия ва тасдиқи меъёрҳо, регламентҳои техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- таҳияи лоиҳаҳои барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист, ҳисобот ва гузоришҳои миллӣ оид ба ҳолати муҳити зист, инчунин нақшаҳои комплексии истифода, барқарорсозӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ, иштирок дар татбиқи онҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- ширкат дар таҳия ва татбиқи барномаҳои экологии байнидавлатӣ ва минтақавӣ;
- ширкат дар амалисозии чорабиниҳои ҳифзи табиат ва дигар чорабиниҳое, ки барои беҳбуди вазъи муҳити зист андешида мешаванд, аз ҷумла дар минтақаҳои офати экологӣ;
- ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии экологии фаъолияти ба нақша гирифташаванда;
- анҷом додани амалҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ба ҷавобгарии маъмурӣ ва дигар ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор;
- муайян кардани тартиб ва андозаи ҷуброни зарар барои ифлос кардани муҳити зист бо партовҳо, барои зиёда аз меъёр партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, об, инчунин буридани худсаронаи дарахту буттаҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишин, заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳифзи табиат ва захираҳои давлатӣ (ба ғайр аз боғҳои хоҷагидорӣ ва қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ) (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2099);
- ба суд пешниҳод намудани даъво дар хусуси ситонидани ҷарима, ҷуброни товони зараре, ки дар натиҷаи риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист расонида шудааст, ҳамчунин пардохти ҳатмии маблағҳо барои ифлос кардани муҳити зист ва дигар намудҳои таъсири зарарнок ба он;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба таъсиси ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, идора кардани чунин ҳудудҳо, назорати ҳифз ва истифодаи онҳо (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022* № *1880*);
- иштирок дар ташкил, татбиқ ва рушди маърифати экологӣ ва ташаккули фарҳанги экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бо тартиби муқаррарнамуда маҳдуд кардан, боздоштан ва қатъ гардонидани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки бо риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад;
- ташкил ва пешбурди мониторинги давлатии муҳити зист, таъмини фаъолияти хадамоти давлатии назорати муҳити зист;
- бо тартиби муқарраргардида таъмин кардани аҳолӣ бо иттилоот оид ба вазъи муҳити зист дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;

- ройгон дастрас намудани иттилооти экологӣ аз вазоратҳо, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо ва муассисаю ташкилотҳо (*Қонуни ЧТ аз 18.07.2017 № 1449*);
- таҳия ва пешбурди Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқи Низомнома ва ҳайати Комиссияи доимоамалкунандаи он;
- додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо барои пешбурди фаъолиятҳо ва амалҳои дигар дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» (*Қонуни ЧТ аз 13.11.2024* № 2099);
- барои субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани лимит ва квотаҳои истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла объектҳои олами набототу ҳайвонот, маҳсулоти ҷангал, партовҳо ба ҳавои атмосфера, манбаъҳои об, рӯи замин ва қабати он, ҷойгиронии партовҳо;
- додани иҷозат барои ҳуқуқи ҷамъоварӣ кардан, аз сарҳад гузаронидан ва гӯронидани партови истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, ихроҷ ва ҷойгиронии моддаҳои ифлоскунандаи муҳити зист, парма кардани чоҳҳои об ва истифодабарии мақсадноки захираҳои табиӣ;
- ташкил кардан ва гузаронидани сертификатсияи экологии объектҳои муҳити зист, захираҳои табиӣ, маҳсулот, мавод ва ашёи хом, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, равандҳои технологӣ ва хизматрасонӣ, ки барои пешгирӣ ва бартараф кардани зарар ба муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ равона карда шудаанд;
- муқаррар ва тасдиқ намудани андозаи пардохти маблағҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ, ифлос кардани муҳити зист ва ҷойгиронии партовҳо;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ;
- таъсис ва пешбурди кадастри давлатии захираҳои табиӣ, баҳисобгирӣ ва арзёбии захираҳои табиӣ;
- анҷом додани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бехатарии экологӣ, омӯзиш, ҷамъбаст ва интишори таҷрибаи байналмилалӣ, таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист эътироф намудааст;
- ҷамъоварӣ ва баррасии иттилооти экологӣ, таҳия ва нашри ҳисоботу гузоришҳои миллӣ оид ба вазъи муҳити зист;
- анҷом додани дигар вазифаҳои таъмини ҳифзи самараноки муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ дар доираи салоҳияти худ.
2. Иҷрои қарорҳои мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист оид ба масъалаҳои таҳти салоҳияти он қароргирифта барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ буда, аз рӯи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шикоят кардан мумкин аст (*Қонуни ЧТ аз 18.07.2017 № 1449*).

**Моддаи 10. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

1. Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ:
- дар минтақаҳои дахлдор самтҳои асосии ҳифзи муҳити зисти табиӣ ва истифодаи захираҳои табииро муайян месозанд ва барномаҳои экологиро тасдиқ менамоянд;
- хароҷоти ҳифз ва солимгардонии муҳити зистро дар буҷети маҳаллӣ тасдиқ мекунанд;
- ҳисоботи роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳоро оид ба вазъи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиат мешунаванд;
- дар доираи ваколати худ доир ба масъалаҳои солимгардонии муҳити зист, ҳифз, бароварсозӣ ва оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, ҳифзи объектҳои муҳити зисти дорои арзиши махсуси экологӣ, илмию фарҳангӣ қоидаҳои иҷрояшон ҳатмӣ қабул мекунанд.
2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ корҳои зеринро анҷом медиҳанд:
- назорати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва танзими истифодаи захираҳои табиат;
- таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи табиат дар минтақаҳои марбута, сохтмон ва азнавсозии объектҳои ҳифзи муҳити зист;
- ташкил намудани нуқтаҳои муваққатии ҷамъоварии партовҳо дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин, бунёди партовгоҳҳо барои ҷойгирсозӣ ва безараргардонии онҳо бо мақсади ҳифзи объектҳои муҳити зист (*Қонуни ЧТ аз 13.11.2024* № 2099);
- пешниҳоди таклиф ба мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи муҳити зист дар хусуси ҳифзи объектҳои муҳити зист, ки дорои арзиши махсуси

экологӣ, таърихӣ, илмӣ ва фарҳангӣ мебошанд, инчунин оид ба таъсиси ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449, аз 08.06.2022 № 1880)*;
- таблиғи ҳифзи муҳити зист, анҷом додани корҳои тарбия ва ташаккули маърифати экологии аҳолӣ;
- амалӣ сохтани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 11. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, инчунин иштироки аҳолиро дар ҳалли масъалаҳои беҳбуди муҳофизати муҳити зист таъмин менамоянд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОН, ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДИГАРИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ**

**Моддаи 12. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиндагӣ дар шароити барои саломатӣ ва ҳаёт мусоид ва истифода аз неъматҳои он, ба ҳифзи муҳити зист аз таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият, ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта ҳуқуқ доранд.
2. Шаҳрвандон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳуқуқ доранд:
- иттиҳодияҳо ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратии фаъолияташон вобаста ба ҳифзи муҳити зистро таъсис диҳанд;
- ба мақоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар ташкилот ва шахсони мансабдор барои гирифтани иттилооти саривақтӣ, пурра ва дақиқи вобаста ба вазъи муҳити зисти маҳалли истиқомати худ, чораҳои вобаста ба ҳифзи он муроҷиат намоянд ва ҳамчунин иттилоотро дастрас кунанд. Агар ошкор кардани иттилооти экологӣ ба ҳифзи сирри давлатӣ ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда таъсири манфӣ расонад, дархост метавонад рад карда шавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- дар ҷамъомаду гирдиҳамоиҳо, намоишу роҳпаймоиҳо дар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва дар дигар чорабиниҳо, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, ширкат варзанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- дар раванди баррасии лоиҳаҳои нақшаҳо, барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба муҳити зист, арзёбии таъсир ба муҳити зист ва дигар масъалаҳои муҳими экологӣ ширкат варзанд, натиҷаҳои таҳқиқот, таклиф ва фикру ақидаҳои худро нисбат ба лоиҳаҳои мазкур пешниҳод намоянд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- экспертизаи ҷамъиятии экологиро талаб кунанд ва дар гузаронидани он тибқи тартиби муқарраргардида ширкат варзанд;
- оид ба масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист, таъсири манфӣ ба он бо шикоят, ариза ва пешниҳодҳо ба мақоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба дигар ташкилотҳо муроҷиат кунанд, ҷавобҳои баҳангом ва асоснок гиранд;
- оид ба ҷуброни зараре, ки ба муҳити зист, моликияти шахсӣ ва саломатии онҳо расидааст, ба суд даъво оваранд;
- ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки худро аз таъсири манфии муҳити зист, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ё дигар фаъолият ба вуҷуд меояд, суғурта кунанд;
- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.
3. Шаҳрвандон ӯҳдадоранд:
- муҳити зист ва захираҳои табииро ҳифз ва эҳтиёт кунанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- ба мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист мусоидат кунанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- дигар талаботро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, риоя кунанд.
4. Истифодаи захираҳои табиӣ аз ҷониби шаҳрвандон бар зарари муҳити зист, ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар шаҳрвандон, корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо иҷозат дода намешавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 13. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқ доранд, ки:

- мувофиқи тартиби муқарраргардида дар таҳия, таблиғ ва татбиқи барномаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист иштирок намоянд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳимоя кунанд, дар асоси ихтиёрӣ шаҳрвандонро ба фаъолияти соҳаи ҳифзи муҳити зист ҷалб намоянд;
- аз ҳисоби маблағи худ ва маблағи ҷалбгардида фаъолияти вобаста ба соҳаи ҳифзи муҳити зист, барқарорсозии захираҳои табиӣ, таъмини амнияти экологиро иҷро ва таблиғ кунанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- ба мақомоти маҳаллӣ ва марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса, ташкилотҳо ва шахсони мансабдор барои дастрас кардани иттилооти саҳангом, пурра ва дақиқ оид ба вазъи муҳити зист, чораҳои ҳифзи он, ҳолат ва далелҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки ба муҳити зист, ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон таҳдид мекунанд, муроҷиат намоянд. Дархост оид ба иттилооти экологӣ дар ҳолате, ки ошкор кардани он ба ҳифзи сирри давлатӣ ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда таъсири манфӣ расонад, метавонад рад карда шавад;
- мутобиқи тартиби муқарраргардида дар муҳокима ва қабули қарорҳои хоҷагӣ ва дигар қарорҳое, ки татбиқи онҳо метавонад ба муҳити зист, ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон таъсири манфӣ расонад, ширкат варзанд;
- ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар ташкилоту идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо арзу шикоят ва пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист, таъсири манфӣ ба муҳити зист муроҷиат кунанд, ҷавоби саҳангом ва асоснок гиранд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- экспертизаи ҷамъиятии экологиро мутобиқи тартиби муқарраргардида ташкил кунанд ва гузаронанд, намояндагони худро барои ширкат дар экспертизаи давлатии экологӣ тавсия намоянд;
- дар хусуси бекор кардани қарор оид ба лоиҳакашӣ, ҷойгиронӣ, сохтмон, навсозӣ, ба истифода додани объектҳо, ҳамчунин оид ба маҳдудсозӣ, боздоштан ва қатъ кардани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад, ба мақомоти ваколатдор ва суд муроҷиат кунанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- бо мақсади ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон оид ба ҷуброни товони зарари ба муҳити зист расонидашуда ба суд даъво пешниҳод кунанд.

2. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ӯҳдадоранд:

- талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист риоя кунанд;
- ба мақоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист мусоидат намоянд.

3. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, доранд.

4. Аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ истифода кардани муҳити зист ба зарари он, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ манъ аст.

**Моддаи 14. Кафолатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

1. Давлат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ татбиқи ҳуқуқҳои дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба онҳо додашударо кафолат медиҳад.

2. Шахсоне, ки ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дар Қонуни мазкур нишон додашударо иҷро кардани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон монеъ мегарданд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 15. Системаи чорабиниҳои давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Системаи чорабиниҳои давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид маҷмӯи чораҳои ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва технологиро дар бар мегирад.

2. Бо мақсади таъмини ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид аз тарафи давлат чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- таъмини амнияти экологӣ ва беҳсозии сифати муҳити зист;

- мӯътадилгардонии ҳолати муҳити зист, ҳифз ва нигоҳдории гуногунии биологӣ, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ;
- пешгирӣ ва бартарафкунии зарар ба муҳити зист ва ҳаёти инсон;
- таъмини идоракунии бехатари фаъолият оид ба ҷамъоварӣ, истифода, безараргардонӣ, интиқол ва ҷойгиркунонии партовҳои хатарнок;
- такмили усул ва технологияҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодабарии захираҳои табиӣ;
- рушди системаи иттилоотӣ ва усулҳои назорати ҳифзи муҳити зист;
- тарғиби донишҳои экологӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ.
3. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор барои таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба муҳити зисти мусоид масъул мебошанд.
4. Ҷойгиронии объектҳое, ки фаъолияти онҳо метавонад ба муҳити зист зарар расонад, бо назардошти фикру ақидаи аҳолии минтақаи дахлдор амалӣ карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

## БОБИ 4. ТАНЗИМИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

### Моддаи 16. Усулҳои танзими иқтисодӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист

1. Вазифаҳои танзими иқтисодии ҳифзи муҳити зист рушди ҳавасмандгардонии моддиву маънавии фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва тобеият, кормандони онҳо ва шаҳрвандон ба таҳия, банақшагирӣ ва амалӣ сохтани чорабиниҳои амнияти экологӣ, истифодаи самаранок, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираҳои табиӣ мебошад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Ба усулҳои танзими иқтисодии соҳаи ҳифзи муҳити зист инҳо мансубанд:
- таҳияи дурнамои давлатии рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар асоси дурнамои экологӣ;
- таҳияи барнома, консепсия, стартегия, дурнамо ва нақшаҳои амал дар соҳаи ҳифзи муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- таҳия ва гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист бо мақсади пешгирӣ ва рафъи зарар ба муҳити зист;
- муқаррар намудани пардохти маблағҳо барои таъсири манфӣ ба муҳити зист;
- муқаррар намудани лимитҳо, квотаҳо ва тартиби ситонидани пардохти маблағҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла объектҳои олами набототу ҳайвонот, маҳсулоти ҷангал, партовҳо ба ҳавои атмосфера, манбаъҳои обӣ, рӯи замин ва қабати он, ҷойгиронии партовҳо ва дигар намудҳои таъсироти манфӣ ба муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- арзёбии иқтисодии объектҳои табиӣ ва табиии антропогенӣ, ҳамчунин таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист;
- дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва дигар фаъолият (аз ҷумла суғуртаи экологӣ), ки ба ҷорӣ кардани технология ва истеҳсолоти беҳтарину пешқадам, навъҳои ғайрианъанавии энергия, истифодаи захирахои мустаъмал ва коркарди партовҳо, инчунин дигар тадбирҳои самараноки ҳифзи муҳити зист нигаронидашуда;
- бо тартиби муқарраргардида ҷуброн намудани зараре, ки ба муҳити зист расонида шудааст *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- усулҳои дигари танзими иқтисодии такмил ва ҳифзи самараноки муҳити зист.
3. Танзими иқтисодии фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зист тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

### Моддаи 17. Баҳисобгирӣ ва арзёбии иҷтимоию иқтисодии захираҳои табиӣ

1. Мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист якҷоя бо мақомоти давлатии омор ва истифодабарандагони табиат ҳисоботи миқдор ва сифати захираҳои табиӣ, ашёи мустаъмал, инчунин маҳсулоти ғайриасосии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятро таҳия мекунанд, арзёбии иҷтимоию иқтисодии онҳоро анҷом медиҳанд.
2. Пешбурди кадастрҳои давлатии захираҳои табиӣ, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист гузошта мешавад (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1880*).

### Моддаи 18. Маблағгузории чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист

Чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист аз ҳисоби манбаъҳои зерин маблағгузорӣ карда мешаванд:
- буҷети давлатӣ;
- ҳаққгузориҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- дигар манбаъҳои молиявие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

### Моддаи 19. Лимиту квотаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Лимиту квотаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ барои истифодабарандагони табиат бо мақсади муайян кардани андозаҳои ниҳоии истифодабарии захираҳои табиӣ, ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ва ҷойгиронии партовҳо дар ҳудуд ва мӯҳлати муайян муқаррар карда мешаванд.
2. Лимиту квотаҳои истифодаи захираҳои табиӣ барои истифодабарандагони табиат аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо мақсади тадриҷан расидан ба андозаҳои меъёрии истифодаи захираҳои табиӣ, ҳадди имконпазири ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист ва ҷойгиронии партовҳо бо назардошти вазъи экологии ҳудуд муқаррар карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 20. Пардохти маблағҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ ва расонидани таъсири манфӣ ба муҳити зист**

1. Пардохти маблағҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ (замин, об, сарватҳои зеризаминӣ, ҷангал, олами набототу ҳайвонот, захираҳои рекреатсионӣ ва дигар захираҳо) дар мавридҳои зерин ситонида мешавад:
- барои ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ;
- барои истифодаи захираҳои табиӣ дар доираи лимиту квотаҳои муқарраршуда;
- барои аз лимиту квотаҳои муқарраршуда зиёд истифода бурдани захираҳои табиӣ.
2. Пардохти маблағҳо барои расонидани таъсири манфӣ ба муҳити зист дар мавридҳои зерин ситонида мешавад:
- барои партофтан, ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда, ҷойгиркунии партовҳо ва расонидани дигар намудҳои таъсир ба муҳити зист дар доираи лимиту квотаҳои муқарраршуда *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- барои аз лимит ва квотаҳои муқарраршуда зиёд партофтани маводи ифлоскунанда, ҷойгиркунии партовҳо ва расонидани дигар намудҳои таъсир ба муҳити зист.
3. Тартиби ҳисоб ва татбиқ кардани меъёри пардохти маблағҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири манфӣ ба муҳити зистро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.
4. Пардохти маблағҳои истифодаи захираҳои табиӣ ва расонидани таъсир ба муҳити зист истифодабарандагони табиатро аз иҷрои чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист, ҷуброни товони зарарҳои ба муҳити зист расонидашуда озод намекунад.

**Моддаи 21. Фондҳои ҳифзи муҳити зист**

1. Барои хароҷоти пешбининашудаи вобаста ба ҳифз ва солимгардонии муҳити зист, барқарор кардани талафоти муҳити зист ва ҷуброни товони зарари ба он расонидашуда, фондҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявии ҳифзи муҳити зист таъсис дода мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Фондҳои мазкур аз ҳисоби маблағҳои барои истифодаи захираҳои табиӣ, ихроҷи (партофтан, ҷойгиронӣ) моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист, пардохташуда, хайрияҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дигар манъбаҳо ташаккул меёбанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
3. Тартиби ташкилу истифодаи фондҳои ҳифзи муҳити зист аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 22. Фондҳои суғуртаи ҳифзи муҳити зист**

1. Фондҳои суғуртаи ҳифзи муҳити зист барои пӯшонидани хароҷот оид ба барқарорсозӣ талафоти муҳити зист, ҷуброни товони зарари ба саломатию молу мулки шаҳрвандон дар натиҷаи офатҳои табиӣ, садамаю фалокат ва дигар хатарҳои экологӣ расида таъсис дода мешаванд.
2. Фондҳои мазкур аз ҳисоби маблағҷудокунии давлат, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз тобеъият ва шаклҳои моликияташон, инчунин аз маблағи хайрияи ихтиёрии шаҳрвандон таъсис дода мешаванд.
3. Шартҳои суғуртакунӣ, тартиби ворид намудани пардохти маблағҳои суғуртавӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 5. БАМЕЪЁРДАРОРИИ МУҲИТИ ЗИСТ

**Моддаи 23. Бамеъёрдарории сифати муҳити зист**

1. Бамеъёрдарории сифати муҳити зист бо мақсади муайян кардани ҳадди имконпазири меъёри аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи таъсир ба муҳити зист, ки бехатарии экологӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, ҳифзи ҳавои атмосфера, об, замин, олами набототу ҳайвонот, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табииро кафолат медиҳад, анҷом дода мешавад.
2. Бамеъёрдарории сифати муҳити зист системаи меъёрҳои сифати муҳити зист мебошад, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 24. Таҳияи меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист**
Таҳияи меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист инҳоро дар бар мегирад:
- иҷрои корҳои тадқиқотӣ-илмӣ ҷиҳати асоснокунии меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- бо тартиби муқарраргардида гузаронидани экспертиза, тасдиқ ва нашри меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- муайян кардани асосҳои таҳия ё аз нав дида баромадани меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- ташаккул ва пешбурди махзани ягонаи иттилоотии меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- арзёбӣ ва пешгӯӣ кардани натиҷаҳои экологӣ, иҷтимоию иқтисодии меъёрҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист.
**Моддаи 25. Меъёрҳои сифати муҳити зист**
1. Меъёрҳои сифати муҳити зист барои арзёбии вазъи муҳити зист ба манфиати саломатии инсон, нигоҳдории системаҳои экологии табиӣ ва фонди генетикии олами набототу ҳайвонот муқаррар карда мешаванд.
2. Ба меъёрҳои сифати муҳити зист инҳо мансубанд:
- меъёрҳое, ки мутобиқи нишондиҳандаҳои кимиёвии вазъи муҳити зист муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла меъёрҳои ҳадди имконпазири ғилзати моддаҳои кимиёвӣ, инчунин моддаҳои радиоактивӣ;
- меъёрҳое, ки мутобиқи нишондиҳандаҳои физикии вазъи муҳити зист муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла мутобиқи нишондиҳандаҳои дараҷаи радиоактивӣ ва ҳарорат;
- меъёрҳое, ки мутобиқи нишондиҳандаҳои биологии вазъи муҳити зист муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла навъ ва гурӯҳҳои растанӣ, ҳайвонот ва дигар организмҳое, ки ҳамчун индикаторҳои сифати муҳити зист истифода бурда мешаванд, инчунин меъёрҳои ҳадди имконпазири ғилзати микроорганизмҳо;
- дигар меъёрҳои сифати муҳити зист.
3. Барои минтақаҳои алоҳида (мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, паркҳои миллии табиӣ, минтақаҳои осоишию курортӣ ва истироҳатӣ) бо назардошти хусусиятҳои табиию иқлимӣ, ҳамчунин арзиши махсуси онҳо меъёрҳои нисбатан қатъии сифати муҳити зист муайян карда мешаванд.
**Моддаи 26. Меъёрҳои ҳадди имконпазири ихроҷ ва партофтани моддаҳои ифлоскунанда**
*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*
1. Меъёрҳои ҳадди имконпазири ихроҷ ва партофтани моддаҳои ифлоскунанда, аз ҷумла микроорганизмҳои патогенӣ ва дигар моддаҳои биологии ҳаво ва обу заминро ифлоскунанда бо назардошти воридоти умумии партовҳо аз ҳамаи объектҳои истеҳсолӣ, маълумотҳои инвентаризатсияи ихроҷ ва партофтани моддаҳои зарарнок аз ҳар як манбаи ифлоскунанда, меъёрҳои ҳадди имконпазири ғилзати моддаҳои ифлоскунанда дар муҳити зист ва ифлосии мавҷудаи он муайян карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Ихроҷ ва партофтани моддаҳои ифлоскунанда, дигар модда ва микроорганизмҳо ба муҳити зист дар доираи лимитҳои муқарраргардидаи имконпазири ихроҷ ва партофтани моддаҳо ва микроорганизмҳо дар асоси иҷозати мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мумкин аст *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
**Моддаи 27. Меъёрҳои ҳадди имконпазири дараҷаи садо, ларзиш, майдонҳои магнитӣ ва дигар таъсири номатлуби физикӣ**
1. Меъёрҳои ҳадди имконпазири дараҷаи садо, ларзиш, майдонҳои магнитӣ ва дигар таъсири номатлуби физикӣ ба андозаи таъминкунандаи ҳифзи саломатӣ ва қобилияти меҳнатии одамон, ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва муҳити зисти барои зиндагӣ мусоид муайян карда мешавад.
2. Меъёрҳои мазкур ва усулҳои муайян кардани онҳо аз ҷониби мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.
**Моддаи 28. Меъёрҳои ҳадди имконпазири дараҷаи таъсири радиатсионӣ**
1. Меъёрҳои ҳадди имконпазири дараҷаи таркиби бехавфи моддаҳои радиоактивӣ дар муҳити зист ва озуқа, ҳадди имконпазири дараҷаи шуъоафкании радиатсионӣ ба андозае муайян карда мешаванд, ки саломатии инсон ва насли ояндаи одамон, нигаҳдории олами набототу ҳайвонот ва ҳолати мусоиди зист кафолат дода шаванд.
2. Меъёрҳои мазкур ва усулҳои муайян кардани онҳо аз ҷониби мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 29. Меъёрҳои истифодабарии нурӣ ва заҳрдоруҳои кимиёвӣ ва дигар моддаҳои кимиёвӣ**
*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*
Меъёрҳои истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, пестисидҳо, заҳрдоруҳои кимиёвӣ, дигар моддаҳои кимиёвӣ ва воситаҳои нумӯяи растаниҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, ҷангалпарварӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба андозае муқаррар карда мешаванд, ки талаботи ҳадди имконпазири бақияи моддаҳои кимиёвӣ дар таркиби озуқа ва организми одам, инчунин ҳифзи саломатии инсон, фонди генетикии он ва олами набототу ҳайвонот таъмин карда шаванд.
**Моддаи 30. Меъёрҳои ҳадди имконпазири бақияи моддаҳои кимиёвӣ ва микроорганизмҳои зарарноки биологӣ дар озуқа**
1. Меъёрҳои ҳадди имконпазири бақияи моддаҳои зарарноки кимиёвӣ, заҳрдоруҳои кимиёвӣ ва микроорганизмҳои зарарноки биологӣ дар озуқа бо роҳи муайян кардани меъёри камтарини имконпазири барои саломатии инсон безарар, барои ҳар як намуди моддаи кимиёвӣ, заҳрдоруҳои кимиёвӣ ва микроорганизмҳои зарарноки биологӣ ва ҳар як намуди озуқа муайян карда мешаванд.
2. Меъёрҳои мазкур аз ҷониби мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти стандартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.
**Моддаи 31. Стандартҳои экологӣ**
1. Дар стандартҳо барои техника, технология ва маводу ашъёи нав, дигар маҳсулоте, ки метавонанд ба табиат, саломатӣ ва фонди генетикии инсон таъсири зарарнок расонанд, талаботи экологие муқаррар карда мешаванд, ки риояи меъёрҳои ҳадди имконпазири таъсиррасонӣ ба муҳити зистро дар ҷараёни истеҳсолот, барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, истифода (истеъмол) ва нобудсозӣ маводу маҳсулоти мазкур бояд таъмин намоянд.
2. Стандартҳои мазкур, усулҳои муайян кардани онҳо ва намудҳои техника, технология, масолеҳ, моддаҳо ва дигар маҳсулоте, ки барои онҳо таҳия мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар мувофиқа бо мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ тасдиқ карда мешаванд.
**Моддаи 32. Меъёрҳои имконпазири шиддати антропогенӣ ба муҳити зист**
1. Меъёрҳои имконпазири шиддати антропогенӣ ба муҳити зист барои субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият бо мақсади арзёбӣ ва танзими таъсири ҳама манбаъҳои статсионарӣ, сайёр ва дигар манбаъҳои ба муҳити зист таъсиррасон, ки дар ҳудуди минтақаи мушаххас, аз ҷумла гуногунии биологӣ ҷойгиранд, муқаррар карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Меъёрҳои имконпазири шиддати антропогенӣ ба муҳити зист барои ҳар як намуди таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист ва таъсири муштараки ҳамаи манбаъҳои дар ҳудуди ин минтақа ҷойгирбуда муқаррар карда мешаванд.
3. Ҳангоми муқаррар намудани меъёрҳои имконпазири шиддати антропогенӣ ба муҳити зист хусусиятҳои муҳити зисти минтақаҳои мушаххас ба инобат гирифта мешаванд.
**Моддаи 33. Меъёрҳои минтақаҳои санитарӣ ва муҳофизатӣ**
1. Меъёрҳои минтақаҳои санитарӣ, муҳофизатӣ, санитарию муҳофизатӣ барои ҳифзи обанбор ва дигар манбаъҳои обтаъмикунӣ, минтақаҳои курортӣ, муоличавию солимгардонӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва дигар ҳудудҳо аз ифлосшавӣ ва дигар таъсири номатлуб муқаррар карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*..
2. Меъёрҳои мазкур аз ҷониби мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва ҳифзи муҳити зист якҷоя бо дигар мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия карда, мавриди амал қарор дода мешаванд.
**Моддаи 34. Сертификатсияи экологӣ**
1. Сертификатсияи экологӣ бо мақсади таъмини фаъолияти аз ҷониби хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ бехатарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.
2. Сертификатсияи экологӣ метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад.
3. Сертификатсияи экологии ҳатмӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.
**БОБИ 6. АРЗЁБИИ ТАЪСИР БА МУҲИТИ ЗИСТ ВА ЭКСПЕРТИЗАИ ЭКОЛОГӢ**
**Моддаи 35. Арзёбии таъсир ба муҳити зист**
Фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти ба нақша гирифташавандаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба муҳити зист, аз ҷумла ба саломатии аҳолӣ мустақиман ё ғайримустақим таъсир мерасонад, арзёбӣ карда мешавад.

Арзёбии таъсир ба муҳити зист расмиёти ҳатмӣ буда, ҳангоми таҳияи ҳама гуна вариантҳои алтернативии ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ, аз ҷумла пеш аз сармоягузорӣ, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти ба нақша гирифташавандаро асоснок мекунад, бо иштироки ҷомеъа гузаронида мешавад.
Номгӯи навъҳои фаъолият ва талабот нисбати маводи арзёбии таъсир ба муҳити зист дар низомнома, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, муқаррар карда мешавад.
3. Ҳангоми муқаррар намудани меъёрҳои имконпазири шиддати антропогенӣ ба муҳити зист хусусиятҳои муҳити зисти минтақаҳои мушаххас ба инобат гирифта мешаванд.

**Моддаи 36. Экспертизаи экологӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Экспертизаи экологӣ барои санҷиши асоснокӣ ва мутобиқати фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари ба нақша гирифташуда ба талаботи меъёрҳои сифати муҳити зисти табиӣ, қонунгузории ҳифзи муҳити зист ва амнияти экологии ҷомеа гузаронида мешавад.
2. Сохтмон, мавриди истифода қарор додан, инчунин амалӣ сохтани фаъолияти дигари хоҷагидорӣ бе хулосаи мусбии экспертизаи экологӣ манъ аст.
3. Вазифаҳо ва тартиби гузаронидани экспертизаи экологиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экпертизаи экологӣ" муқаррар мекунад.

**БОБИ 7. ТАЛАБОТИ ЭКОЛОГӢ ҲАНГОМИ ҶОЙГИРОНӢ, ЛОИҲАКАШӢ, СОХТМОН, АЗНАВСОЗӢ, МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ДОДАНИ КОРХОНА, ИНШООТ ВА ДИГАР ОБЪЕКТҲО**

**Моддаи 37. Талаботи умумии экологӣ ҳангоми ҷойгиронӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, мавриди истифода қарор додани корхона, иншоот ва дигар объектҳо**

1. Ҳангоми ҷойгиронӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, мавриди истифода қарор додан, муваққатан боздоштан (консерватсия кардан) ва барҳамдиҳии корхона, иншооту дастгоҳҳо, ҳангоми гузаронидани хатҳои интиқоли барқ ва алоқа, қубурҳо, каналҳо, роҳҳои нақлиётӣ ва дигар объектҳое, ки ба муҳити зист мустақиман ва ғайримустақим таъсир расонида метавонанд, бояд талабот оид ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи саломатии инсон риоя гардида, барои ҳифз ва солимгардонии муҳити зист, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ тадбирҳо андешида шаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Вайрон кардани талабот оид ба ҳифзи муҳити зист боиси тибқи амри мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муваққатан боздоштан, маҳдуд кардан ё пурра қатъ гардонидани фаъолияти ҷойгиронӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, мавриди истифода қарор додан, муваққатан боздоштан ва барҳам додани объектҳои аз ҷиҳати экологӣ зарарнок, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеъият, мегардад.

**Моддаи 38. Талабот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳангоми ҷойгиронии корхонаҳо, иншоот ва дигар объектҳо**

1. Ҳангоми ҷойгиронии корхонаҳо, иншооту объектҳои дигар, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва тобеъият, иҷрои талабот оид ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, амнияти экологӣ, ба назар гирифтани оқибатҳои наздиктарин ва дури экологӣ, генетикӣ, иқтисодӣ, демографӣ, маънавӣ ва дигари фаъолияти объектҳои мазкур бояд таъмин карда шавад.
2. Ҷойҳои сохтмони корхона, иншооту дигар объектҳо, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва тобъеият, тибқи қонунгузории амалкунанда, дар сурати мавҷуд будани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ муайян карда мешаванд.
3. Ҳангоми ҷойгиронии биноҳо, иншоот ва дигар объектҳо тамоми чораҳои имконпазир оид ба халалдор нагаштани манфиатҳои қонунии шаҳрвандон андешида мешаванд.

**Моддаи 39. Талаботи экологӣ нисбати сохтмону азнавсозии корхона, иншоотҳо ва дигар объектҳо**

1. Иҷрои корҳои омодасозӣ дар маҳал, сохтмон, таъмиру таҷдиди объектҳо, сарфи назар аз шакли моликияту тобеияташон, бе хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ манъ аст. Тағйир додани лоиҳа ё арзиши корҳои тасдиқшуда бар зарари муҳити зист иҷозат дода намешавад.
2. Корҳои дар қисми экологии лоиҳа пешбинишуда дар навбати аввал иҷро карда мешаванд.
3. Ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ ҷиҳати ҳифзу истифодаи оқилонаи захирахои табиӣ, рекултиватсияи заминҳо ва барқарорсозии захираҳои дигари табиӣ, ободонии атроф ва солимгардонии муҳити зист бояд тадбирҳо андешида шаванд.

4. Риоя накардани талаботи моддаи мазкур боиси дар асоси амрияи мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, назорати давлатии санитарию эпидемологӣ, назорати бехатарии корҳо дар саноат ва назорати кӯҳкорӣ манъ кардани корҳои сохтмонӣ то бартараф кардани норасоиҳои қайдшуда мегардад.

**Моддаи 40. Риоя намудани талаботи экологӣ ҳангоми хусусигардонии молу мулки давлатӣ**

1. Корхона ва дигар объектҳо бо назардошти натиҷаҳои санҷиши вазъи экологии онҳо хусусӣ гардонида мешаванд. Санҷиши вазъи экологии корхона ё объекти дигари хусусигардонидашаванда тибқи нақшаи хусусигардонӣ пешбинӣ карда мешавад ва аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

2. Чорабиниҳо оид ба тоза ва безараргардонии корхона ва дигар объекти хусусигардонӣ аз ҳисоби давлат ва (ё) бо розигии молики нав аз манъбаҳои зерин маблағгузорӣ карда мешаванд:

- маблағи барои сохтмон, таҷдид ва азнавҷиҳозонии объектҳои ҳифзи муҳити зист бозсармоягузорӣ намудаи молики нави корхона;
- аз ҳисоби маблағе, ки ба корхона ва дигар объекти хусусигардонидашуда дар шакли қарзҳои мақсаднок, қарзҳои бефоиз ва маблағгузории мақсадноки эҳтиёҷоти вобаста ба ҳифзи муҳити зист ворид мешаванд;
- аз ҳисоби маблағе, ки корхона тавассути системаи суғуртаи экологӣ мегирад;
- аз ҳисоби дигар манъбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 41. Риоя намудани талабот ва ӯҳдадориҳои экологӣ ҳангоми муфлисшавӣ**

1. Ҳангоми оғоз намудани парванда оид ба муфлисшавӣ нисбати шахси ҳуқуқӣ - истифодабарандаи табиат санҷиши вазъи экологии он гузаронида мешавад.

2. ӯҳдадории гузаронидани санҷиши вазъи экологии корхона ва дигар объекти муфлисшуда ба зиммаи мақомоти анҷомдиҳандаи санатсия ё идоракунандаи берунӣ вогузор карда мешавад.

3. Объекти санҷиш натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории корхона, ки боиси муфлисшавӣ гаштааст, инчунин риояи талаботи экологӣ аз ҷониби он мебошанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

4. Ҳангоми баррасии парванда оид ба муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ- истифодабарандаи табиат манфиати кредиторон нисбати ӯҳдадориҳои экологӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Моддаи 42. Риоя намудани талабот ва ӯҳдадориҳои экологӣ ҳангоми барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ**

1.Шахси ҳуқуқӣ - истифодабарандаи табиат бо назардошти талаботи экологӣ дар асоси маълумоти санҷиши ҳолати корхона, бо инъикоси ҳатмии натиҷаҳои онҳо дар баланси барҳамдиҳӣ, ки ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ мураттаб мегардад, барҳам дода ва аз нав ташкил карда мешавад. 2.Ҳолати экологии шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда ё аз нав ташкилдодашаванда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мавриди санҷиш қарор мегирад. 3.Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ ворисони ҳуқуқии молики нав нисбати ӯҳдадориҳои экологӣ мутобиқи тавозун тақсимотӣ таъмин карда мешавад.

4. Шахси ҳуқуқӣ бо назардошти манфиатҳои қарздиҳандагон нисбати ӯҳдадориҳои экологӣ барҳам дода мешавад.

**Моддаи 43.Талаботи экологӣ ҳангоми мавриди истифода қарор додани корхона, иншоот ва дигар объектҳо**

1. Корхона, иншоот ва дигар объектҳо бо шарти дар ҳаҷми пурра иҷро кардани талаботи экологии дар лоиҳа пешбинишуда, тибқи санадҳои комиссияҳои қабул, ки бо иштироки намояндагони мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъсис меёбанд, мавриди истифода қарор дода мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

2. Мавриди истифода қарор додани корхона, иншоот ва дигар объектҳо, ки бо воситаҳои назорати ифлосшавии муҳити зист, иншооту таҷҳизоти зарурии тоза ва безараргардонӣ ва нобуд кардани партовҳои зарарнок, ихроҷ ва партофтани моддаҳои ифлоскунанда то ҳадди меъёрҳои ҷоиз таъмин нестанд, бе анҷом додани корҳои лоиҳавии рекултиватсияи замин, барқарорсозии захираҳои дигари табиӣ ва солимгардонии муҳити зист манъ аст.

## БОБИ 8. ТАЛАБОТИ ЭКОЛОГӢ ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ КОРХОНАҲО, ИНШООТ, ОБЪЕКТҲОИ ДИГАР ВА ИҶРОИ ФАЪОЛИЯТИ ДИГАР

**Моддаи 44. Талаботи экологӣ ҳангоми истифодаи корхонаҳо, иншоот ва дигар объектҳо**

1. Корхона, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон вазифадоранд, ки оид ба риояи низоми технологӣ ва иҷрои талаботи ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ ва солимгардонии муҳити зист тадбирҳои самаранок андешанд.
2. Корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо дар асоси кори самараноки иншоотҳои партовтозакунӣ, таҷҳизот ва воситаҳои назорат, безараргардонӣ ва истифодаи партови мустаъмал, гузаштан ба технология ва истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ бехавф меъёрҳои муқарраршудаи сифати муҳити зистро риоя мекунанд, оид ба ҳифз ва барқароркунии маҳсулнокии системаҳои экологии табиӣ, ҳифзи замин, хок, сарватҳои қаъри замин, об, ҳавои атмосфера, олами набототу ҳайвонот ва барқарорсозии захираҳои табиӣ тадбирҳо меандешанд.
3. Риоя накардани талаботи экологӣ ҳангоми истифодаи корхона, иншоот ва объектҳои дигар, боиси боз доштан, маҳдуд сохтан ва қатъ кардани фаъолияти корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ё сех, шӯъба, филиалҳо ва таҷҳизоти онҳо бо қарори мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мегардад.
4. Самти фаъолияти объектҳо, қисматҳои алоҳидаи он ё коргоҳҳо, истифода бурдани технология ва техникаи нави аз ҷиҳати экологӣ зарарнок дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дигар карда мешавад.

**Моддаи 45. Талаботи экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал фаъолияткунанда вазифадоранд нисбати ҳифзи хок, обанборҳо, олами наботот ва ҳайвонот аз таъсири зараровари офатҳои табиӣ, оқибати номатлуби истифодаи техника, моддаҳои кимиёвӣ ва дигар, омилҳои дигаре, ки ҳолати муҳити зистро бад мекунанд ва ба саломатии инсон зарар мерасонанд, тадбирҳо андешанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
2. Фермаву комплексҳои чорводорӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал бояд талаботи санадҳои меъёрии санитарию муҳофизатӣ, минтақаҳои ҳифзи об ва иншоотҳои партовтозакуние, ки ифлос ва касифшавии замин, обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ, нобуд ва харобшавии ҷангалу чарогоҳҳо, инчунин ба ҷузъиёти дигари муҳити зист расонидани зарарро истисно менамоянд, риоя кунанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
3. Иҷро накардани талаботи мазкур ва расонидани зарар ба муҳити зист, аз ҷумла ба саломатии инсон, боиси дар асоси амриядоҳои мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва назорати давлатии санитарию эпидемологӣ боздоштан, маҳдуд ё қатъ кардани фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ зарарноки объектҳои соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва дигар объектҳо мегардад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 46. Талаботи экологӣ ҳангоми банақшагирӣ, лоиҳакашӣ ва иҷрои корҳои мелиоративӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми банақшагирӣ, лоиҳакашӣ, иҷрои корҳои мелиоративӣ ва истифодаи системаҳои мелиоративӣ оид ба риояи мувозинати об, истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, наботот, аз ҷумла ҷангалзор, истифодаи сарфакоронаи об, пешгирӣ аз зериобмонӣ, ботлоқшавӣ, шӯршавӣ, эрозияи замин, роҳ надодан ба нобудшавии ҷойҳои тухммонӣ, парваришёбӣ, зимистонгузаронӣ ва кӯчидани моҳиён ва таъсири дигари зараровар ба муҳити зист бояд тамоми тадбирҳоро андешанд.
2. Риоя накардани талаботи мазкур боиси дар асоси амриядоҳои мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист боздоштани иҷрои корҳои лоиҳакашӣ, сохтмон ё истифодабарии ин системаҳо то бартараф намудани норасоиҳо ё қатъ гардонидани чунин корҳо ва ҳамзамон қатъ кардани маблағгузории чунин корҳо аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ мегардад.

**Моддаи 47. Талаботи экологӣ нисбати объектҳои энергетикӣ**

1. Ҷойгиронӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва мавриди истифода қарор додани корхона, дастгоҳ ва дигар объектҳои энергетикӣ, инчунин дарғот, сарбанд ва обанборҳо, мувофиқи талаботи моддаҳои 38-45 Қонуни мазкур сурат мегирад.
2. Таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои рушди энергетика бо назардошти зарурати кам кардани таъсири манфии оқибатҳои экологӣ ва таъсири объектҳои энергетикӣ ба муҳити зист, аз ҷумла ба саломатии аҳолӣ анҷом дода мешавад.
3. Ҳангоми ҷойгиронӣ, лоиҳакашӣ, сохтмонӣ нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва дигар объектҳои энергетикӣ зарурати иқтисодӣ, релефи маҳалли ҷойгиронии объект, тадбирҳои бештар эҳтиёт кардани замин, ҷангал, конҳо, маҳалҳои аҳолинишин, ёдгориҳои табиӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи самараноки захираҳои моҳӣ, қабати ҳосилхези замин ва роҳ надодан ба тағйироти манфӣ дар муҳити зист ҳангоми тоза намудан ва бо об пур кардани обанбор бояд ба назар гирифта шаванд.

4. Риоя накардани талаботи мазкур боиси дар асоси амрияҳои мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист боздоштани корҳои лоиҳакашӣ, сохтмон ё ин ки қатъ гардонидани истифодабарии объектҳои энергетикӣ то бартараф намудани норасоиҳо мегардад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 48. Талаботи экологӣ ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозии шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин**

1. Лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозии шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин бояд ба талаботи моддаҳои 38-45 Қонуни мазкур мувофиқат кунад ва шароити мусоиди экологиро барои зиндагӣ ва кору истироҳати аҳолӣ таъмин намояд.

2. Сохтмони объектҳои нав ва зиёд кардани иқтидорҳои объектҳои амалкунандаи хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва тобеъият, дар минтақаҳое, ки олудагии муҳити зист аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд аст, манъ мебошад.

3. Ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозии шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин таъмини об, кабудизоркунӣ, канализатсия, бунёди фарши кӯчаҳо, безараргардонӣ, анборкунӣ, аз назари экологӣ ва санитарӣ бехавф кашонидан, нобуд сохтан ва гӯр кардани партовҳо, равона сохтан ва тоза кардани селобаҳо бояд ба назар гирифта шавад.

4. Бо мақсади ҳифзи муҳити зист дар атрофи шаҳрҳои азим, марказҳои саноатӣ ва объектҳои азими аз ҷиҳати экологӣ хавфнок боғу ҷангалзор, минтақаҳои муҳофизатӣ, иншоотҳои селгардон ва мустаҳкамкунандаи соҳилҳо бунёд карда мешаванд.

**Моддаи 49. Талаботи экологӣ нисбати истифодаи моводи радиоактивӣ**

1. Корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон ӯҳдадоранд, ки қоидаҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, кашонидан, истифодабарӣ, нобуд сохтан ва гӯронидани моводи радиоактивӣ (манбаъҳои иондори нурафкан ва моводи ядроӣ)-ро риоя кунанд, ба баланд гаштани меъёрҳои ҳадди ҷоизи радиатсия роҳ надиҳанд, дар сурати баланд шудани он фавран ба мақомоти дахлдор, ки бехатарии радиатсиониро таъмин мекунанд, дар хусуси сатҳи баланди радиатсия, ки барои саломатии инсон ва муҳити зист хавфнок аст, хабар диҳанд, барои рафъи манбаъҳои заҳролудшавӣ тадбирҳо андешанд.

2. Корхонаю муассисаҳо, ташкилот ва шаҳрвандоне, ки қоидаҳои муносибат бо моводи радиоактивиро риоя намекунанд, мувофиқи қарори мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ аз ҳуқуқи истифодаи ин мавод маҳрум ё фаъолияташон оид ба истифодаи ин мавод то бартараф кардани норасоиҳо қатъ карда мешавад.

3. Ворид намудани партовҳои радиоактивӣ, инчунин транзити онҳо тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1879*)

**Моддаи 50. Талаботи экологӣ ҳангоми истифодаи моводи кимиёвӣ ва моводи дигар дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият**

1. Корхонаю муассиса, ташкилотҳо, шахсони мансабдори онҳо ва шаҳрвандон вазифадоранд, ки қоидаҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, кашонидан ва ба кор бурдани моводи кимиёвӣ, воситаҳои ҳимояи растанӣ ва нумӯъи он, нуриҳои минералӣ, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият истифода мешаванд, риоя кунанд, меъёрҳои муқарраршудаи истифодаи онҳоро риоя карда, барои пешгирии оқибати зарарноки онҳо ба муҳити зист, аз ҷумла ба саломатии инсон чораҳо андешанд.

2. Мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар мувофиқа бо мақоми назорати давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол рӯйхати мавод ва доруҳои кимиёвиеро, ки ба овардан ва истифода бурдани онҳо ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст, тасдиқ менамояд. Ба воридот, истеҳсол ва истифодаи моводи эҳтимолан хатарноки кимиёвӣ, инчунин моводи бори аввал ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва истифодашаванда, баъд аз тадқиқи зарурии экологӣ ва токсикӣ-гигиенӣ, танзими гигиении муносибат бо онҳо, муқаррар намудани меъёрҳои токсикӣгигиенӣ ва экологӣ, бақайдгирии давлатии ин моддаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

3. Истифодаи моводи заҳрноки кимиёвии таҷзиянашаванда, ки ба муҳити зист ва саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад, манъ аст.

4. Қоидаҳои ҳифзи муҳити зист ба манфиати ҳифзи саломатии инсон аз таъсири моводи зарарноки кимиёвие, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар ба кор бурда мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар мувофиқа бо мақоми назорати давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 51. Ҳифзи муҳити зист аз таъсири зарарноки биологӣ**

1. Ҳангоми ҷойгиронӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, ба истифода додан ва истифодабарии корхонаҳо, иншооту объектҳои дигар, сарфи назар аз шаклҳои моликияту тобеият, ки ба муҳити зист таъсири биологӣ мерасонанд, бояд меъёрҳои ҳадди ҷоизи ғилзати микробҳо

дар муҳит, бемориҳои замбӯруғӣ, вирусҳо ва дигар микроорганизмҳо ва маводи биологии ба таври сунъӣ ҳосилкардашуда, ки онҳоро мақоми назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ тасдиқ менамояд, риоя карда шаванд.

2. Истеҳсол, парвариш ва дар муҳити зист ҷойгир кардани объектҳои биологии ба табиати маҳал бегона, аз ҷумла бо усули сунъӣ ҳосилшуда, инчунин истифодаи онҳо ҳангоми мавҷуд будани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ иҷозат дода мешавад.

3. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба муҳити зист таъсири биологӣ мерасонанд ва ё имконияти чунин таъсиррасониро доранд, вазифадоранд истеҳсол, офаридан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, истифода ва нобуд кардани микроорганизмҳо ва маводи биологии аз ҷиҳати экологӣ безарарро таъмин намуда, ҷиҳати рафъи садамаву фалокатҳо, пешгирӣ ва барҳам додани оқибати таъсири зарарноки биологӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон ва фонди генетикии он чораҳо андешанд.

4. Мушоҳида, ба ҳисоб гирифтани манбаъҳо ва назорати дараҷаи таъсири биологӣ ба муҳити зист аз ҷониби мақомоти назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ сурат мегирад.

**Моддаи 52. Ҳифзи муҳити зист аз таъсири садо, ларзиш, майдонҳои магнитӣ ва дигар таъсироти зарарноки физикӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки барои пешгирӣ ва рафъи садою ларзишҳои зарарноки истеҳсолӣ, таъсири манфии майдонҳои магнитӣ ва дигар таъсироти зарарноки физикӣ дар биноҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ, истиқоматӣ, дар кӯчаҳо, ҳавлиҳо, майдонҳои шаҳр ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, минтақаҳои истироҳати аҳолӣ, ҷойҳои ҷамъшавии зиёди ҳайвонот ва паррандаҳои ваҳшӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

2. Барзиёдии аз меъёрҳои ҳадди ҷоизи дараҷаи таъсири садою ларзишҳои истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, ларзиш, майдонҳои магнитӣ ва таъсири дигари зарарноки физикӣ ба саломатии инсон ва муҳити зист манъ аст. Тадбирҳое, ки риояи меъёрҳои мазкурро кафолат медиҳанд, ҳангоми тарҳкашӣ ва сохтмонӣ шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, лоиҳакашӣ, сохтмон ва таҷдиди корхонаҳо, коргоҳҳо, хатҳои технологӣ, бунёду азхудкунии техникаи нав, ҳангоми лоиҳакашӣ ва истифодабарии воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ, зеризаминӣ, обӣ ва ҳавоӣ пешбинӣ карда мешаванд.

**Моддаи 53. Ҳифзи муҳити зист ҳангоми муоимилот бо партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд барои ҷамъоварӣ, кашонидан, безараргардонӣ, коркард, истифода, анборкунӣ, гӯронидан, инчунин кам кардани пайдоиши партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ чораҳои самарабахш андешида, меъёру қоидаҳои амалкунандаи экологӣ, санитарӣ-гигиенӣ ва зиддиэпидемияviro риоя намоянд.

2. Партофтани партовҳои саноатӣ ва обҳои тозанашудаи канализатсия ба обанборҳои истифодаи умум, маҷроҳои селрав ва каналҳои обёрӣ, қабатҳои обрави зеризаминӣ, дар ҳудуди маҳалҳои истиқоматӣ, ҷангалзорҳо ва киштзорҳо манъ аст. Ҷойҳои анборкунӣ ва гӯронидани партовҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, мақоми назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ ва геология муайян карда мешаванд.

3. Гӯронидани партовҳои хатарнок, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин, шафати шаҳр ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, минтақаҳои зичии аҳолиаш зиёд, дарёҳо, кӯлҳо, минтақаҳои осоишгоҳ, табобатию солимгардонӣ ва рекреатсионӣ, дигар ҷойҳое, ки ба саломатии инсон ва ҳолати муҳити зист метавонад хавф таҳдид намояд, манъ аст. Ҳама гуна намудҳои муомилот бо партовҳои хатарнок бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

4. Риоя накардани қоидаҳои мазкур боиси маҳдуд кардан ё боз доштани фаъолияти корхона ва дигар объектҳо то бартараф кардани вайронкорӣ мегардад.

**Моддаи 54. Ҳифзи қабати озони атмосфера**

Ҳифзи қабати озони атмосфера аз тағйироти аз ҷиҳати экологӣ хавфнок тавассути танзими истеҳсол ва истифодабарии моводи вайронкунандаи қабати озони атмосфера тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

## БОБИ 9. ВАЗЪИЯТИ ФАВҚУЛОДДАИ ЭКОЛОГӢ ВА МИНТАҚАҲОИ ОФАТИ ТАБИӢ

**Моддаи 55. Вазъияти фавқулоддаи экологӣ**

1. Дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари инсон ё таъсири харобиовари қувваи табиат вазъи номусоиди экологӣ ба вуҷуд омада, дар онҳо тағйирёбии ҷиддӣ ва устувори манфии муҳити зист барои ҳаёт ва саломатии одамон,

нигоҳдории оламИ наботот ва ҳайвонот мушоҳида шудааст, вазъияти фавқулоддаи экологӣ эълон карда мешавад.
2. Ҳангоми вазъияти фавқулоддаи экологӣ ҳама гуна фаъолияте, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, боздошта мешавад ё кори корхона, муассиса, ташкилот, коргоҳ, агрегатҳо ва таҷҳизоте, ки ба саломатии инсон ва фонди генетикии он таъсири манфӣ мерасонад, маҳдуд карда мешавад, намудҳои алоҳидаи истифодаи табиат маҳдуд гашта, ҷиҳати барқарорсозӣ ва таҷдиди захираҳои табиӣ чорабиниҳои фаврӣ андешида мешаванд.

**Моддаи 56. Минтақаҳои офати экологӣ**

1. Минтақаҳои офати экологӣ маҳалҳои вазъи экологияшон фавқулоддае эълон карда мешаванд, ки дар онҳо дар натиҷаи вазъи номусоиди экологӣ ба муҳити зист, аз ҷумла ба саломатии аҳолӣ зиёни зиёд расонида шудааст ва (ё) системаҳои табиии экологӣ ва муҳити зист хароб гаштаанд.
2. Дар минтақаҳои офати экологӣ фаъолияти объектҳои хоҷагидорӣ, ба истиснои объектҳое, ки ба хизматрасонии аҳолии маскуни ин минтақа машғуланд, қатъ гашта, сохтмон ва азнавсозии объектҳои хоҷагидорӣ манъ карда мешавад, хама гуна намудҳои истифодаи табиат қатъиян маҳдуд гашта, барои барқарорсозӣ ва таҷдиди захираҳои табиӣ ва солимгардонии муҳити зист чораҳои фаврӣ андешида мешаванд.
3. Тадбирҳои солимгардонии минтақаҳои офати экологӣ дар навбати аввал аз ҳисоби корхона, муассиса, ташкилотҳое, ки бо айби онҳо садама ё фалокат рух додааст, инчунин аз ҳисоби маблағи мақсадноки буҷети давлатӣ ва фондҳои ҳифзи табиат маблағгузорӣ карда мешаванд.

**Моддаи 57. Пешгирии садама ва бартараф кардани оқибати зарарноки экологии он**

1. Ҳангоми лоиҳакашӣ ва истифодаи объектҳои хоҷагии алоқаманд ба таъсири зарарнок ба муҳити зист, новобаста ба шаклҳои моликият ва тобеият, тадбирҳои огоҳонӣ пешгирӣ ва барҳам додани оқибати ба муҳити зист зарароварИ садама андешида мешаванд.
2. Бо мақсади эътинои самарабахш ба ҳолатҳои фавқулоддаи экологӣ, ки барои муҳити зист оқибати зараровар доранд, нақшаҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки дар онҳо чораҳои сафарбаркунии қувваю воситаҳои вазоратҳо, идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва аҳли ҷомеа якҷоя бо мақомоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании пешбинӣ мегарданд, таҳия карда мешаванд.
3. Барои ҳалли масъалаҳои вазъияти фавқулоддаи экологӣ бо тартиби муқараргардида комиссияҳои махсус таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 58. Тартиби эълон намудани вазъияти фавқулоддаи экологӣ ва минтақаҳои офати экологӣ**

1. Вазъияти фавқулоддаи экологӣ дар саросари ҷумҳурӣ ва маҳалҳои алоҳидаи он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад.
2. Минтақаҳои офати экологӣ ва сарҳадҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 59. Ӯҳдадориҳои корхонаҳо оид ба омода будан барои рафъи оқибати экологии садама**

Шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеият, ки дар ҳолатҳои фавқулоддаи экологӣ ба муҳити зист ва саломатии одамон метавонанд зиён расонанд, ӯҳдадоранд, ки:
- дар вазъияти фавқулоддаи экологӣ нақшаи амал дошта бошанд;
- хадамоти махсуси дорои восита ва захираҳои моддии барҳам додани оқибати ногувори вазъияти фавқулоддаи экологӣ таъсис дода, онҳоро дар ҳолати омодабоши доимӣ нигоҳ доранд.

## БОБИ 10. ИТТИЛООТ ВА ОМОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

**Моддаи 60. Иттилоот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

1. Иттилоот оид ба вазъи муҳити зист кушодаю ошкоро буда, аз тариқи воситаҳои ахбори омма нашр карда мешавад.
2. Пинҳон доштан, сари вақт пешниҳод накардан ё аз тарафи шахсони мансабдор пешниҳод кардани маълумоти нодурусти соҳаи ҳифзи муҳити зист манъ аст.
3. Хусусиятҳо ва тартиби ташаккули иттилооти экологӣ, дастрасӣ ва тартиби пешниҳоди он тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилооти экологӣ" муқаррар карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

**Моддаи 61. Омори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

1. Омори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷониби мақомоти ваколатдори омори давлатӣ гузаронида мешавад.

2. Маълумоти оморӣ ба мақомоти омори давлатӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳаҷми муайян ва мӯҳлати муқарраршуда дар шакли ҳисоботи омори давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

3. Таркиби минималии нишондиҳандаҳои ҳисоботи омори давлатӣ ва тартиби омордории давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**БОБИ 11. ҲУДУДҲО ВА ОБЪЕКТҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА**

*(Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1880)*

**Моддаи 62. Фонди мамнӯъгоҳҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Мамнӯъгоҳҳои табиии давлатӣ, аз ҷумла мамнӯъгоҳҳои биосферӣ, парваришгоҳҳои табиӣ, паркҳои табиии миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, ҳайвоноту растаниҳои нодире, ки хавфи аз байн рафтан дошта ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, Фонди мамнӯъгоҳҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, аз тарафи давлат бо назардошти манфиати наслҳои имрӯза ва оянда махсус ҳифз карда мешаванд.

2. Фонди мамнӯъгоҳҳои табиӣ дар тобеъият ва идоракунии мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист қарор дорад. Тартиби ташкил, низоми ҳифз ва истифодабарӣ, шартҳои фаъолияти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, инчунин шартҳои фаъолияти хоҷагии аҳолии дар ин ҳудудҳо истиқоматкунандаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" муқаррар менамояд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449, аз 08.06.2022 № 1880)*.

3. Гирифтани заминҳои фонди мамнӯъгоҳҳои табиӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, манъ мебошад.

4. Заминҳое, ки дар ҳудуди онҳо объектҳои табиии дорои аҳамияти хоси ҳифзи табиат, илмӣ, таърихию фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ, солимгардонӣ ва дорои аҳамияти дигари пурарзиш ҷой гирифтаанд, таҳти муҳофизати махсус буда, онҳоро ба иҷора додан манъ аст.

**Моддаи 63. Муҳофизати растаниву ҳайвоноти нодире, ки зери хатари нобудшавӣ қарор доранд**

1. Барои ҳифзи растаниву ҳайвоноти нодире, ки зери хатари нобудшавӣ қарор доранд, Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2. Растанӣ ва ҳайвоноте, ки ба Китоби Сурх дохил карда шудаанд, бе истисно аз истифодаи хоҷагидорӣ ва истифодаи дигар гирифта мешаванд.

3. Фаъолияте, ки боиси кам шудани ин намуди растанӣ ва ҳайвонот, бадшавии вазъи муҳити сукунати онҳо мегардад, манъ мебошад.

4. Корхона, муассиса, ташкилот ва дигар истифодабарандагони замин, ки дар ҳудуди онҳо ҳайвоноту растаниҳои мансуб ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, барои ҳифз ва зиёд намудани намудҳои ин ҳайвоноту растаниҳо бояд тадбирҳо андешанд.

5. Тартиби ҳифзи растанӣ ва ҳайвонот ва дигар организмҳои нодире, ки зери хатари нобудшавӣ қарор доранд, тартиби ҷорӣ кардани Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тартиби нигоҳдории фонди генетикии онҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифз ва истифодаи олами набототу ҳайвонот муқаррар мекунанд.

6. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардан, аз он берун баровардан ва ҳамлу нақл (транзит) тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон, муомилоти растанӣ, ҳайвонот ва дигар организмҳои зери хатари нобудшавӣ қарордошта, намудҳои махсусан пурарзиши онҳо, инчунин узвҳои онҳо, маҳсулоти фаъолияти ҳаётӣ ва хосиятҳои фоиданоки онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.

**Моддаи 64. Ҳифзи Фонди сабзи мавзеъҳои аҳолинишин**

1. Фонди сабзи мавзеъҳои аҳолинишин аз маҷмӯи минтақаҳои кабудизоршуда, аз ҷумла минтақаҳои дарахтзору буттазор ва алафзор иборат мебошад.

2. Ҳифзи Фонди сабзи мавзеъҳои аҳолинишин системаи чорабиниҳои таъминкунандаи ҳифз ва рушди Фонди сабзро, ки барои мӯътадил гардонидани вазъи экологӣ ва ташкили муҳити мусоиди зист заруранд, пешбинӣ мекунад.

3. Дар минтақаҳои марбут ба Фонди сабз анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки ба минтақаҳои мазкур зарар мерасонанд ва иҷрои вазифаҳои таъиноти экологӣ, санитарию гигиенӣ ва рекреатсиониро халалдор месозад, манъ аст.

4. Танзими давлатӣ дар соҳаи ҳифзи Фонди сабзи мавзеъҳои аҳолинишин аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

## БОБИ 12. СИСТЕМАИ МУШОҲИДАИ ВАЗЪИ МУҲИТИ ЗИСТ

### Моддаи 65. Мониторинги давлатии муҳити зист

1. Мониторинги давлатии муҳити зист (мониторинги экологии давлатӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мушоҳидаи вазъи муҳити зист, аз ҷумла вазъи муҳити зисти минтақаҳои ҷойгиршавии манбаъҳои таъсири антропогенӣ ва таъсири ин манбаъҳо ба муҳити зист, инчунин бо мақсади таъмини талаботи давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо маълумоти дақиқ ва сари вақт ба нақша гирифтани чорабиниҳои пешгирӣ, рафъ ва ё кам кардани оқибати ногувори тағйирёбии вазъи муҳити зист анҷом дода мешавад.
2. Асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии таъмин ва гузаронидани мониторинги экологӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мониторинги экологӣ" муайян карда мешаванд *(Қонуни ЧТ аз 18.07.2017 № 1449)*.
3. Маълумот оид ба вазъи муҳити зист ва тағйироти он, ки дар натиҷаи гузаронидани мониторинги давлатии муҳити зист (мониторинги экологии давлатӣ) ба даст омадааст, аз ҷониби мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи дурнамоҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва қабули қарорҳои дахлдор, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва мақсаднок, консепсия, стратегия, дурнамо ва нақшаҳои амалии онҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист истифода бурда мешаванд *(Қонуни ЧТ аз 18.07.2017 № 1449)*.

### Моддаи 66. Бақайдгирии давлатии объектҳое, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд

1. Бақайдгирии давлатии объектҳое, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо мақсади танзими давлатии фаъолият оид ба ҳифзи табиат, инчунин банақшагирии ҷорӣ ва дурнамои чорабиниҳои кам кардани таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист анҷом дода мешавад.
2. Объектҳое, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд ва маълумот оид ба таъсири онҳо ба муҳити зист мавриди бақайдгирии омории давлатӣ қарор дода мешаванд.
3. Бақайдгирии давлатии объектҳое, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, инчунин арзёбии ин таъсир ба муҳити зист бо тартиби аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида анҷом дода мешавад.

## БОБИ 13. НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

### Моддаи 67. Вазифаҳои назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист

1. Вазифаҳои назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз таъмини иҷрои қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла талаботи меъёрҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷониби мақомоти марказӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин таъмини амнияти экологӣ иборат мебошанд.
2. Системаи назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз назорати давлатӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ иборат мебошад.

### Моддаи 68. Назорати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист

Назорати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

### Моддаи 69. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои нозирони давлатии ҳифзи муҳити зист

1. Нозирони давлатии ҳифзи муҳити зист ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраршуда:
- бо мақсади иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба корхона, муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва тобеият ва объектҳои ба онҳо тааллуқдошта, аз ҷумла объектҳои таҳти муҳофизати давлат қарордошта, объектҳои мудофиа, объектҳои мудофиаи гражданӣ бе монеа ворид шаванд, бо ҳуҷҷатҳо, таҳлилҳои лабораторӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои бевоситаи онҳо заруранд, шинос шаванд;
- риояи меъёрҳо, регламентҳои техникӣ ва талаботи дигари ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳифзи муҳити зист, кори иншоотҳои партовтозакунӣ ва дигар дастгоҳу таҷҳизоти безараргардонӣ, воситаҳои назорат, инчунин иҷрои нақшаву чорабиниҳои ҳифзи муҳити зистро мавриди санҷиш қарор диҳанд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- риояи талабот, меъёр ва қоидаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зистро ҳангоми ҷойгиронӣ, сохтан, ба истифода додан, истифода бурдан ва аз истифода баровардани объектҳои истеҳсолӣ ва дигар объектҳо мавриди санҷиш қарор диҳанд;
- иҷрои талаботи дар хулосаҳои экспертизаи давлатии экологӣ нишондодашударо санҷанд;

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбати бартараф кардани қонунвайронкуниҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки ҳангоми анҷом додани назорати экологӣ муайян карда шудаанд, иддао пешниҳод кунанд ва амрҳои иҷроишашон ҳатмӣ диҳанд;
- шахсони гунаҳкорро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашанд, ба мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдор барои ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашидани онҳо мавод фиристанд, оид ба рӯёнидани товони зарари ба муҳити зист ё саломатии инсон бинобар вайрон кардани қонунгузории ҳифзи муҳити зист расонидашуда ба мақомоти судӣ, даъво пешниҳод намоянд;
- ҳангоми аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ риоя накардани қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист, фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари онҳоро мувaққатан боздоранд. Дар асоси қарор дар бораи муваққатан боздоштани фаъолият муассисаҳои бонкӣ то аз ҷониби мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бекор кардани чунин қарорҳо маблағгузории фаъолияти боздошташударо қатъ менамоянд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- либосҳои махсуси дорои аломатҳои фарққунанда пӯшанд;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми адои вазифаи хизматӣ бо худ силоҳи оташфишон ва дигар воситаҳои махсус гиранд, нигоҳ доранд ва истифода намоянд *(Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 № 1160)*;
- ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом диҳанд.

2. Нозирони давлатии соҳаи ҳифзи муҳити зист ӯҳдадоранд:
- қонуншиканиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешгирӣ кунанд, муайян созанд ва барҳам диҳанд;
- ба вайронкунандагони қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояшонро фаҳмонанд;
- талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунанд.

3. Нисбати қарорҳои нозирони давлатии соҳаи ҳифзи муҳити зист бо тартиби судӣ шикоят кардан мумкин аст.

4. Нозирони давлатии соҳаи ҳифзи муҳити зист таҳти ҳимояи давлат мебошанд ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

**Моддаи 70. Назорати идоравӣ ва истеҳсолӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

Назорати идоравиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вазорату идораҳо ва назорати истеҳсолиро ташкилоту корхонаҳо анҷом медиҳанд ва вазифаи онҳо санҷиши иҷрои нақшаву тадбирҳои ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, солимгардонии муҳити зист, риояи меъёрҳои сифати муҳити зист, талаботи қонунгузории ҳифзи муҳити зист ва амрияҳои мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мебошад.

Тартиби ташкил ва фаъолияти назорати идоравӣ ва истеҳсолӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазорату идора ва ташкилотҳо танзим мегардад.

**Моддаи 71. Назорати экологии ҷамъиятӣ**

1. Назорати экологии ҷамъиятӣ аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ташаббуси худи онҳо ё дар асоси шартномаҳо бо истифодабарандагони табиат ва ё мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист анҷом дода мешавад ва мақсади он амалӣ сохтани ҳуқуқҳои ҳар як шахс ба муҳити мусоиди зист, пешгирӣ ва барҳам додани вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мебошад.

2. Назорати экологии ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

3. Натиҷаҳои назорати ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки ба мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод шудаанд, бояд ҳатман муҳокима ва мавриди эътино қарор дода шаванд.

**Моддаи 72. Назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Назорат дар соҳаи ҳифзи муҳити зист аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**БОБИ 14. АУДИТИ ЭКОЛОГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

**Моддаи 73. Аудити экологӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

Аудити экологӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартнома бо фармоишгар аз ҷониби аудиторони мустақил ва ташкилотҳои

аудиторӣ метавонад дар намуди аудити экологии ташаббусӣ ё ҳатмӣ гузаронида шавад *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449).*

**Моддаи 74. Ташкили аудити экологӣ, шартҳо ва тартиби гузаронидани он**

*(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*

Ташкили аудити экологӣ, шартҳо ва тартиби гузаронидани он, талаботи тахассусӣ нисбат ба аудиторҳо ва тартиби аттестатсияи онҳо, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аудиторони экологӣ ва ташкилотҳои аудиториро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аудити экологӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449).*

## БОБИ 15. ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ТАҲҚИҚОТИ ИЛМИИ ЭКОЛОГӢ

**Моддаи 75. Таълиму тарбияи умумӣ, маҷмӯӣ ва мунтазами экологӣ**

1. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии ҷомеа ва тайёрии касбии мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зист системаи умумӣ ва комплексии таълиму тарбияи экологӣ ҷорӣ карда мешавад, ки он дар худ таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон, инчунин интишори донишҳои экологӣ, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, осорхонаҳо, китобхонаҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, муассисаҳои ҳифзи муҳити зист, ташкилотҳои варзишӣ ва туризмро фаро мегирад.

2. Тартиби ташкил ва амалӣ сохтани таълиму тарбияи экологиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ" танзим менамояд.

**Моддаи 76. Таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи муҳити зист**

1. Вазифаҳои асосии таҳқиқот ва кашфиёти илмӣ дар соҳаи муҳити зист таъмини рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии ба низом даровардашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти устувори системаҳои экологии табиӣ, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ ва солимгардонии муҳити зист мебошад.

2. Таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо мақсадҳои зерин гузаронида мешаванд:

- таҳияи консепсия, дурнамоҳои илмӣ ва нақшаҳои ҳифз ва барқарорсозии муҳити зист;
- арзёбии натиҷаҳои таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо ба муҳити зист;
- такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, тартиб додани меъёрҳо, регламентҳои техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳифзи муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 № 1449)*;
- таҳия ва такмили нишондиҳандаҳои арзёбии маҷмӯии зарар ба мухити зист, тарз ва усулҳои муайян намудани онҳо;
- ихтироъ ва таҳияи технологияҳои беҳтарин дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захирахои табиӣ;
- таҳияи барномаҳои офиятбахшии минтақаҳое, ки ҳамчун минтақаҳои офати табиӣ дониста шудаанд;
- таҳияи чорабиниҳои ҳифз ва рушди иқтидорҳои табиӣ ва рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дигар мақсадҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист.

## БОБИ 16. ҶУБРОНИ ТОВОНИ ЗАРАРИ БА МУҲИТИ ЗИСТ РАСИДА ВА ҲАЛЛИ БАҲСҲО ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

**Моддаи 77. Ӯҳдадории ҷуброн намудани товони зараре, ки бинобар риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист расонида шудааст**

*(Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 № 2099)*

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаи ифлос, хароб ва нобуд кардани ҷузъҳои муҳити зист, ғайриоқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, дар ҷойҳои муқаррарнашуда ҷойгир кардани партовҳо, хароб кардани системаҳо, комплексҳо ва ландшафтҳои табиии экологӣ ба муҳити зист зарар расонидаанд, ухдадоранд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарарро ҷуброн намоянд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 № 2099*).

**Моддаи 78. Тартиби ҷуброни товони зараре, ки бинобар риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист расонида шудааст**

1. Товони зараре, ки бинобар риоя накардани қонунгузорӣ ба муҳити зист расонида шудааст, ихтиёран ё бо қарори суд тибқи андозаи пардохти маблағҳои бо тартиби муқарраршуда тасдиқгардида ва усулҳои ҳисоб кардани онҳо, дар ҳолати мавҷуд набудани онҳо бошад, тибқи хароҷоти воқеии барои барқарор сохтани ҳолати харобгаштаи муҳити зист, бо назардошти зарари расонидашуда, аз ҷумла фоидаи аз дастдода ҷуброн карда мешавад.

2. Дар асоси қарори суд зараре, ки бинобар риоя накардани қонунгузорӣ ба муҳити зист расонида шудааст, метавонад бо роҳи ба зиммаи ҷавобгар гузоштани ӯҳдадориҳои вобаста ба барқарорсозии ҳолати зарардидаи муҳити зист аз ҳисоби маблағи ӯ, мутобиқи лоиҳаи корҳои барқарорсозӣ ҷуброн карда шавад.

**Моддаи 79. Ҷуброни товони зараре, ки ба шаҳрвандон аз таъсири номусоиди муҳити зист расидааст**

1. Товони зараре, ки ба саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандон дар натиҷаи таъсири номусоиди фаъолияти корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ё шаҳрвандони алоҳида ба муҳити зист расидааст, дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад.

2. Товони зарар мувофиқи қарори суд дар асоси даъвои шахси зарардида, аъзои оилаи ӯ, прокурор, мақомоти ба ин ваколатдори идораи давлатӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба манфиати шахси зарардида ҷуброн карда мешавад.

3. Товони зарари ба шаҳрвандон дар натиҷаи садамаҳои калон ё фалокатҳо, ҳамчунин офатҳои табиӣ расонидашуда мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 80. Даъвоҳо дар бораи қатъ кардани фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ зарарнок**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳақ доранд ба суд дар бораи қатъ кардани фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ зарарнок, ки ба саломатӣ ва молу мулки онҳо, аз ҷумла ба муҳити зист осеб мерасонад, даъво пешниҳод намоянд.

**Моддаи 81. Тартиби ҳалли баҳсҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

Баҳсҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

**БОБИ 17. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 82. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист**

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳ монда мешавад.

**Моддаи 83. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 84. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи табиат"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993 "Дар бораи ҳифзи табиат" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, №2, мод. 36; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод. 48; с. 1997, № 23-24, мод. 333, с. 2002, № 4, қ.1, мод. 245; с. 2002, №11, мод. 708; с. 2004, №7, мод. 465; с. 2007, №6, мод. 440) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 85. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**
**ш.Душанбе**
**2 августи соли 2011 № 760**

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист"**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" қабул карда шавад.

2. Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар хусуси тартиби ба мавқеи иҷро гузоштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи табиат" аз 27 декабри соли 1993, №905 (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, №2, мод. 37) беэътибор дониста шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Зуҳуров**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2011, № 485**

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҷИКИСТОН**

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист"**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев**
**ш. Душанбе 21 июли соли 2011 № 208**